# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи “Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ)

Дар марҳалаи муосири рушди низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадани талаботҳои нав ба сифатҳои касбӣ ва тарбияи маънавии мутахассисон, хусусан омӯзгорони оянда омодагии заруриро аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақозо мекунад. Санадҳои муҳими давлатӣ, аз зумраи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” масъалаҳои самаранок намудани фаъолияти макотиби олиро нисбати дар сатҳи баланд тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб ва дар руҳияи баланди фарҳанги ахлоқӣ ва маънавӣ ташаккул додани онҳоро ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки низоми маориф пешбинӣ мекунанд. Омузиш ва натиҷаҳои таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ оид ба омода намудани мутахассисони соҳибкасб дар макотиби олӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бисёр ҷанбаҳои психологию педагогии ин муаммои мубрам ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ҷумла, асосҳои ташкили раванди самараноки ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ, шартҳои педагогии амалигардонии ин раванд ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода “Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)”, дар марҳилаи муосири рушди низоми маориф ва илмҳои педагогӣ хеле саривақтӣ буда, ба таҳқиқоти мубрам ва муҳим маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Ҷолиби қайд аст, ки дар муқаддимаи диссертатсия аз ҷониби диссертант дараҷа ва сатҳи таҳқиқ шудани мавзӯъ, муҳимияти таҳқиқу баррасии муаммои мавзуи таҳқиқ, ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, фарзияи таҳқиқот, методҳои таҳқиқот. сарчашмаҳо ва давраҳои асосии таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври возеҳ шарҳу тафсив ёфтаанд.

Боби якуми диссертация, ки «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ҳамчун сифати арзишманди касбии омузгори оянда» ном дорад, ба таҳқиқи масъалаҳои муаммоҳои ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар асоси таҳқиқотҳои фалсафию педагогӣ; таҳлили мундариҷаи ташкилӣ-фаъолиятии таълими забони хориҷӣ ҳамчун воситаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён; консепсияи назариявӣ ва амсилаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ бахшида шудааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллифи рисола дар асоси таҳлили ҷузъҳои мафҳуми фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ва шарҳи моҳияти технологияи ташаккули он, ба равшанӣ андохтани таърифоти он муяссар мешавад ва хулоса менамояд, ки дар шароити имрӯзаи ислоҳоти низоми таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ба рушди арзишии ахлоқии донишҷӯён бо роҳҳои зерин бомуваффақият мусоидат кардан мумкин аст: бо такя ба воситаҳои муҳити таҳсилот, имконияти педагогӣ ва психологии он; тавассути ҳалли масъалаҳои нокомии шахсияти донишҷӯ дар раванди педагогӣ; таъкиди мавҷудияти асосҳои ғоявӣ ва ахлоқӣ, ки таъсироти педагогиро ба донишҷӯ дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ қонунӣ мегардонанд. Ба чунин таърифоти муаллиф розӣ шудан мумкин аст.

Дар боби дувуми рисола, ки «Технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ҳамчун сифати барои касб арзишманди

педагоги оянда» номгузорӣ шудааст, муаллиф дар бахшҳои алоҳидаи он перомуни масоиле чун: шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги ахлоқӣ-арзишии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ; тавсифи мундариҷаи кори таҷрибавӣ-педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён; самаранокии технологияи педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ тадқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронидааст.

Дар зербахшҳои ин боб муаллифи рисола корҳои ташхисӣ гузаронидааст, ки он аз омӯзиши хусусиятҳои таҷрибаи педагогии мактабҳои олӣ, сатҳи омодагии маънавӣ, таҷрибаи фаъолияти тарбиявӣ дар омодагии касбии донишҷӯён, корҳои ташкилӣ, мавҷуд будани малака ва маҳорати истифодаи воситаҳо ва методҳои навини ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён иборат буданд. Дар раванди коркарди амсилаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён муаллиф ҳамчун асос нишондиҳандаҳоеро, ки омодагӣ ё қобилияти азхудкунии омӯзгорони макотиби олиро тавсиф мекунанд, интихоб карда, ба шакли дастури меъёрӣ ва раҳнамои методӣ манзур намудааст.

Қобили қайд аст, ки аз тарафи муаллифи рисола Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар ин боби таҳқиқот оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ вобаста ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддӣ ва самараноки назариявӣ ва ҳам амалӣ анҷом дода шудааст.

*Боэътимодӣ ва асоснокии* натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

*Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ* дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо,

муқаррар намудани моҳияти роҳ ва усулҳои ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таълими забони англисӣ саҳми назаррас мегузорад.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя ба мундариҷаи муаммои таҳқиқшаванда мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Натиҷагириҳои илмии муаллифи рисола Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таълими забони англисӣ пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявии мактабҳои олӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни саҳми арзишманд гузорад.

*Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат аст:* иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи

адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот.

*Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти* иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба предмет ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори макотиби олӣ, коркарди математикии маълумоти эмпирикӣ таъмин гардидааст. Боваринок ва асоснокии натиҷаҳо бо базаи назариявии исботкунанда таъмин ва бо таҳқиқотҳои мантиқӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо корҳои бурдашаванда аз лиҳози экспертӣ баҳогузорӣ шудаанд.

***Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.***

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои робита ва ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оиди ташаккули фарҳанги маънавии омузгорони оянда дар раванди таълими забони англисӣ омӯхта шуда, тавсияҳо оиди самаранокии онҳо коркард мешуданд.

2. Дар рисола хуб мебуд, ки оиди нақш ва саҳми курсҳои такмили ихтисоси муаллимон оиди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои ташаккули фарҳанги маънавии омузгорони оянда дар раванди таълими забони англисӣ маълумот ва оиди истифодаи онҳо пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд.

3. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, муаллифи рисола Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода ҳадафҳои гузоштташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 10 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳо ва нашриёҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи "Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)", таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) арзанда мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, муовини
директор оид ба тарбия ва рушди
ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва
савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Аҳрорӣ Гулчеҳрахон Усмонзода
08. 05. 2025с.

*Имзои Г.У.Аҳрориро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ – и Донишкадаи иқтисод*
*ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати*
*Тоҷикистон* *Маҳмудов Ш.У.*

Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
Шуъбаи кадрҳо

***Маълумот барои тамос:*** 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, х.Исмоили Сомонӣ, 169. Тел. Моб.927422565.
g_ahrorova@iet.tj